# ҚАРОРИ
# МУШОВАРАИ ВАЗОРАТИ МАОРИФИ
# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

« 29 » 03 соли 2011 № 6/26 ш. Душанбе

Оид ба тасдиқ намудани Низомнома
оид ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар муассисаҳои
таҳсилоти олии касбӣ

Мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди Раёсати илм ва инноватсияро «Оид ба тасдиқ намудани Низомнома оид ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» баррасӣ намуда,

қ а р о р м е к у н а д:

1. Низомнома оид ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ вазифадор карда шаванд, ки дар раванди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ аз рӯйи Низомномаи мазкур фаъолият намоянд.
3. Раёсати илм ва инноватсия вазифадор карда шавад, ки ҷиҳати дастрас намудани Низомнома оид ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тадбирҳои мушаххас андешад.
4. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини аввали Вазир Ф.Раҳимов гузошта шавад.

Раиси мушовара,
Вазир А. Раҳмонов

**Низомнома**
**оид ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар муассисаҳои**
**таҳсилоти олии касбӣ**

Рушди ҳамаҷонибаи тадқиқотҳои илмӣ вазифаи ҳатмии устодони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мебошад, чунки бе корҳои илмӣ-тадқиқотӣ тайёр кардани мутахассисони ҷавобгӯи талаботи илми муосир тайёр кардани кадрҳои илмӣ-педагогӣ ва баланд бардоштани дараҷаи ихтисоси онҳо имконнопазир аст.

Низомнома дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Барномаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015, Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти комёбиҳои илм ва техникаи ватанӣ ва хориҷӣ таҳия гардидааст.

1. Вазифаҳои асосии корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ инҳоянд:

а) гузаронидани тадқиқотҳои рӯзмарраи илмӣ ва таҷрибавию конструкторӣ, ки ба рушди илми тоҷик ва ҳалли масъалаҳои бунёдкоронаи иқтисоди бозоргонӣ мусоидат мекунад;

б) ғанигардонии раванди таълим бо дастовардҳои тадқиқотҳои навтарини илмӣ;

в) шинос кардани донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо тартиби маблағгузории тадқиқотҳои илмӣ, ҷалби онҳо ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, таҷрибавӣ ва лоиҳавию конструкторӣ;

г) баланд бардоштани тахассуси илмии ҳайати профессорону устодон;

д) тайёр кардани кадрҳои илмию педагогӣ.

2. Корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар самтҳои зерин (алоҳида) гузаронида мешавад:

- таҳия кардани проблемаҳои назариявӣ;
- омӯзиш ва ҷамъбасти таҷрибаи бунёди ҷомеаи муосир;
- таҳияи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методӣ;
- иҷрои корҳои илмию тадқиқотии хусусияти миллию методидошта.

Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар татбиқи натиҷаҳои тадқиқоти худ дар истеҳсолот иштирок мекунанд, инчунин комёбиҳои илм, техника ва фарҳангро тарғиб мекунанд.

3. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тадқиқотҳои илмиро дар алоқаи зич бо Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва академияҳои дигар кишварҳо, бо академияҳои соҳавӣ, институтҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва бо озмоишгоҳҳои корхонаву муассисаҳо бо роҳи мувофиқа намудани корҳои илмию тадқиқотӣ, ташкили тадқиқотҳои муштараки илмӣ, якҷоя

гузаронидани конференсияҳои илмӣ, ҷаласаҳо ва чопи корҳои илмӣ аз рӯи масъалаҳои алоҳида ба роҳ мемонанд.

4. Корҳои илмию тадқиқотии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар асоси нақшае, ки Шӯрои донишгоҳ баррасӣ менамояд ва аз ҷониби ректор тасдиқ мегардад, иҷро мешавад. Нақшаи корҳои илмию тадқиқотии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо иштироки васеи кормандони илмӣ-педагогии муассиса тайёр карда мешавад.

Нақшаҳои корҳои илмии тадқиқотии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба муассисаҳои манфиатдор аз рӯи тартиботе, ки вазорату идораҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муқаррар кардааст, ирсол карда мешаванд. Муҳимтарин корҳои илмию тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструктории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба нақшаи кори асосии илмии вазорату идораҳо, ки донишгоҳ дар тобеияташон мебошад, дохил карда мешаванд.

Ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар муддати муқарраршуда ба вазорат ё идораҳое, ки донишгоҳ (донишкада) дар тобеияти он мебошад, оид ба гузаронидани корҳои асосии илмию тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ, инчунин оид ба гузаронидани санҷиши таҷрибавию саноатӣ ва татбиқи он дар иқтисодиёти миллӣ аз рӯи корҳои ба анҷомрасида дархост пешниҳод мекунанд.

Вазорату идораҳо бо мақсади ҳамоҳангсозӣ ва мувофиқа кардан бо нақшаҳои муассисаҳои дигари илмӣ, дуруст истифода бурдани кадрҳои илмии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, рӯзмаррагии кори илмии пешбинишуда ва пешниҳодҳои аз ҷониби муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ирсолшударо баррасӣ менамоянд. Нақшаи ҷамъбастии корҳои илмию тадқиқотиро бо шакли тасдиқшуда тартиб медиҳанд ва ба Вазорати маориф ва дигар муассисаҳои дахлдор пешниҳод менамоянд. Вазорати маориф нақшаи ниҳоии солонаи кори илмии мақомоти идоракунандаи мактабҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи махсуси муассисаи таълимиро дида мебароад ва ҳамчун ҳамоҳангсоз ба он тавсия тайёр мекунад.

Тавсияҳои Шӯрои илмӣ-техникии Вазорати маориф ба вазорат ва идораҳое, ки донишгоҳ дар тобеияти он мебошад, барои ворид намудани тағйирот ба нақшаи солонаи корҳои илмӣ ирсол карда мешавад.

5. Корҳои илмию тадқиқотиро дар муассисаҳои олии касбӣ профессорон, дотсентон, устодон, ассисентон ва ҳайати таълимию ёрирасон, аспирантон, унвонҷӯён ва донишҷӯён, инчунин кормандони илмӣ ва ҳайати илмию техникии институти тадқиқотӣ, озмоишгоҳҳо, бахшҳо, шӯъбаҳои илмӣ-тадқиқотӣ, марказҳои таҷрибавӣ, таълимӣ-таҷрибавии хоҷагӣ ва бунгоҳи тиббии муассисаи мазкур мегузаронанд.

6. Барои иҷрои корҳои шартномавии илмию тадқиқотӣ, лоиҳавию конструкторӣ ва таҷрибавӣ, инчунин кор оид ба татбиқи тадқиқотҳои илмии баанҷомрасонидашуда инҳо ҷалб карда мешаванд:

а) ҳайати профессорону устодон ва таълимию ёрирасони штатӣ;

б) мудирон, сардорон, муҳандисон, устодони таълими техникӣ; коргарони соҳибихтисос;

в) устохонаи таълимӣ, машқгоҳҳо, озмоишгоҳҳо ва дарсхонаҳои муассисаҳои олии касбӣ.

7. Корҳои шартномавие, ки барои кормандони доимӣ пешбинӣ шудаанд ва аз ҷониби ҳамкор иҷро мегарданд, берун аз дарс гузаронида мешавад.

8. Кормандони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки дар банди 6 Низомномаи мазкур номбар шудаанд ва корҳои илмӣ ва тадқиқотиро ба таври шартномавӣ иҷро мекунанд, барои ин кор ҳуқуқи то 50% аз маоши вазифавӣ гирифтани маблағро доранд.

9. Пардохти музди меҳнати кормандони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои кашфиёт, ихтироъ ва таклифҳои судманд, ки барои татбиқ дар истеҳсолот қабул шудаанд, дар асоси Низомнома оид ба кашфиёт, ихтироъ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, ба амал бароварда мешавад.

10. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳуқуқ доранд, ки бо тартиби муқарраршуда барои тайёр кардани намунаҳои таҷрибавӣ, намунаҳои мошинҳо, стендҳои озмоишгоҳҳо ва гузаронидани озмоиш аз маблағҳои буҷети давлатӣ, инчунин аз маблағҳои барои корҳои илмӣ-тадқиқотии шартномавӣ пешбинишуда истифода баранд.

11. Намунаи мошинҳо, дастгоҳ ва таҷҳизот, макетҳои таҷрибавӣ, стендҳои озмоишгоҳ, ки аз ҳисоби маблағҳои фармоишгар тайёр карда шудаанд, пас аз анҷоми кор барои иҷрои корҳои илмӣ-тадқиқотии шартномавӣ ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба таври ройгон ҷиҳати муҷаҳҳаз гардонидани озмоишгоҳҳо дода мешаванд.

12. Ректорони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҳуқуқ доранд 50%-и маблағи даромади аз хароҷот зиёдро, ки аз ҳисоби корҳои илмию тадқиқотии шартномавӣ ба даст омадааст, барои васеъ ва мустаҳкам кардани пояи моддию техникии муассиса, илова бар маблағҳои дар буҷет барои хариди амвол ва таҷҳизот пешбинишуда, истифода баранд.

13. Барои сифат ва мӯҳлати иҷрои корҳои илмӣ роҳбари мавзӯи мазкур масъул аст. Барои иҷрои нақшаи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар кафедра, факултет, ё муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, мудири кафедра, декани факултет, мудири шӯъбаи илм ва ректори мактаби олӣ масъуланд. Мудирони кафедраҳо ба ректори муассиса оид ба натиҷаи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ то 15-уми моҳи ҳисоботии соли оянда гузориш пешниҳод мекунанд.

14. Ректорон (муовини ректор оид ба корҳои илм), деканони факултетҳо, мудирони шӯъбаи илм ва кафедраҳо иҷрои нақшаи корҳои илмӣ-тадқиқотиро санҷида, бо роҳи муҳокимаи ҳисоботи кори роҳбар бо иштироки кормандони илмӣ-педагогии муассисаи манфиатдор оид ба татбиқи тадқиқотҳои тамомшуда ва олимони даъватшудаи ҳамон соҳа таклиф пешниҳод мекунанд.

15. Ҳисоботи солона оид ба иҷрои нақшаи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар Шӯрои мактаби олӣ ё факултет то 1 феврали соли нав (бо тамом шудани соли сипарӣ) муҳокима ва тасдиқ карда мешаванд. Дар ҳисоботи солона ба самараи тадқиқотҳои иҷрошуда ва натиҷаи татбиқи он дар истеҳсолот баҳо дода мешавад.

16. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ вазифадор аст, ки ҳисоботи илмии корҳои илмӣ-тадқиқотии тамомшуда ва замимаҳо (суратҳо, нақшаҳо)-и онро дар 2 нусха нигоҳ дорад: нусхаи якум дар китобхонаи асосӣ ва нусхаи дуввум дар кафедраҳо (дар лабораторияҳо)-е, ки дар он кор иҷро шудааст.

Ҳисоботи корҳои илмӣ-тадқиқотии шартномавиро бо хулосаи муқарризон ва хулосаи маҷлиси ин корро муҳокимакарда, ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба муассисае пешниҳод мекунад, ки кори мазкурро маблағгузорӣ кардааст.

17. Ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳар сол ба мақомоти идоракунандаи муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ, ҳисоботи солонаро оид ба иҷро ва татбиқи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар истеҳсолот то 15 феврали соли нав пешниҳод менамоянд.

18. Ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо тартиби муқарраршуда маводи корҳои илмӣ- тадқиқотии анҷомёфта ва корҳои таҷрибавию конструкториро дар мӯҳлати як моҳ баъди анҷоми онҳо барои бақайдгирӣ дар Маркази миллии патенту иттилооти Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мекунанд. Корҳои илмию тадқиқотии анҷомёфта, корҳои лоиҳавию конструкторӣ ва озмоишӣ барои тайёр кардани мошинҳои нав, инчунин ба куллӣ такмил додани мошини мавҷуда, асбобу таҷҳизот, масолеҳ, усулҳои истеҳсолот оид ба автоматонии раванди истеҳсолот, механиконии корҳои меҳнатталаб ва душвор, баровардани зоти нави ҳайвонот, навъҳои нави рустанӣ бо тайёр кардани усулҳои муосири агротехникӣ, ҳифзи рустаниҳо ва усулу воситаҳои табобат бояд дар маркази номбурда ба қайд гирифта шаванд.

Ректорони муссисаҳои таҳсилоти олии касбӣ вазифадоранд, ки барои гирифтани патент дар хориҷа бо тартиби муқарраршуда корҳои аз ҷиҳати илмӣ муҳимро пешниҳод кунанд.

19. Барои ҳамоҳангсозӣ ва ҷамъбасти натиҷаи корҳои илмию тадқиқотии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар муҳокимаи корҳои илмии муҳим ректорони муассисаҳои таълимӣ оид ба мавзӯъҳои илмӣ конференсия мегузаронанд.

Аз рӯи масъалаҳои муҳим бо пешниҳоди ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ конференсияҳои илмии байнидонишгоҳӣ бо иштироки вазорат ва муассисаҳои манфиатдор гузаронида мешавад.

20. Мақомоти идоракунандаи муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёни касбӣ ҳисоботи солонаи корҳои илмӣ-тадқиқотии пешниҳодшудаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро баррасӣ намуда, ҳисоботи солонаи ҷамъбастии корҳои илмӣ-тадқиқотии муассисаҳои тобеи худро тартиб дода, ба Вазорати иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон то 15 март пешниҳод менамояд.

21. Мақомоти идоракунандаи муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ барои иҷрои нақшаи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, татбиқи он дар истеҳсолот ва санҷиши истеҳсолию саноатии тадқиқоти анҷомёфта ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ёрӣ мерасонад ва аз болои онҳо назорат мебарад.

22. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо ҳуқуқи хариду фурӯши корҳои илмӣ, маҷмӯаи маърӯзаҳои конференсияи илмӣ ва фишурдаи корҳои анҷомёфтаи илмиро чоп мекунанд.

Нақшаи нашриёти муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро Шӯрои донишгоҳ баррасӣ менамояд ва онро вазорат ва идораҳое, ки муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар тобеияташон мебошад, тасдиқ мекунад.

23. Ректорони муассисаҳои таҳсилоти олӣ метавонанд кормандони илмиро барои муваффақиятҳо дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ва татбиқи комёбиҳои илму техника дар истеҳсолот қадр намоянд.

24. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар иҷрои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ бояд муқарраротеро, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазорату идораҳо муайян кардааст, ба назар гиранд:

а) бо тартиби муқарраршуда ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои гузаронидани таҷриба ва истифода дар кори илмӣ ва таълимӣ ройгон додани мошинҳо, дастгоҳҳо, асбобҳо, таҷҳизот (коршоям), инчунин, ҳуҷҷатҳои техникӣ ва феҳрасти ин намунаҳо;

б) бо супориши вазорату идораҳои дахлдор дар назди муассисаҳои таҳсилоти олӣ бунёд намудани озмоишгоҳҳо бо мақсади бо қувваи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ иҷро кардани корҳои тадқиқотӣ-илмии рӯзмарра ва корҳои озмоишию конструкторӣ.

Барои ташкили озмоишгоҳҳо вазорату идораҳои муассис вазифадоранд:

а) ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои иҷрои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва озмоишию конструкторӣ маблағ, таҷҳизот, дастгоҳ, инчунин фонди музди меҳнат ва лимит барои ҳайати хизматрасонӣ ва ҳайати муҳандисию техникӣ ҷудо намоянд;

б) бо қувва ва маблағи худ дар озмоишгоҳҳо корҳои сохтмонию васлкунӣ гузаронанд.

25. Озмоишгоҳҳои илмию тадқиқотие, ки вазорату идораҳо ташкил кардаанд, ба тавозуни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ гузаронида мешаванд ва аз рӯи мавзӯъҳое, ки бо вазорату идораҳои мазкур мувофиқа шудаанд, кор мекунанд.

26. Барои гузаронидани тадқиқот аз рӯи мавзӯъҳои муҳими илмӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар мувофиқа бо Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҳамоҳангсозии корҳои илмӣ-тадқиқотӣ Вазорати маориф метавонад озмоишгоҳҳои мавзӯии илмӣ-тадқиқотӣ, ки бо тартиби муқарраршуда категорияи муассисаи илмӣ-тадқиқотӣ муайян менамояд, ташкил кунад.

27. Озмоишгоҳҳои илмӣ-тадқиқотиро роҳбари илмие, ки аз тарафи ректори муассисаи таълимӣ бо пешниҳоди Шӯрои олимони муассисаҳои таҳсилоти олӣ таъин карда мешавад, сарварӣ мекунад.

28. Корҳои илмӣ-тадқиқотиро дар озмоишгоҳҳои мавзӯии илмию тадқиқотӣ инҳо иҷро менамоянд:

а) ҳайати профессорону устодон, таълимию ёрирасони штатӣ ва кафедраҳои дахлдор бо тартиби сарбории доимии кафедра;

б) ҳайати муҳандисию техникӣ ва ёрирасон аз ҳисоби штатҳои махсуси буҷети давлатӣ пешбинишуда, мутобиқ бо ҷадвали воҳидҳои

корие, ки аз тарафи вазорат ва идорае, ки мактаби олӣ дар тобеияти вай аст, тасдиқ мешавад;

в) аспирантоне, ки мавзӯи рисолаашон ба мавзӯи тадқиқшудаи озмоишгоҳ марбут бошад;

г) донишҷӯён бо мақсади иҷрои корҳои курсӣ ва дипломӣ.

29. Озмоишгоҳҳои мавзӯӣ бо назардошти самтҳои асосии илмии озмоишгоҳ ҳар сол нақшаи корҳои илмӣ-тадқиқотиро тартиб медиҳад. Нақшаро Шӯрои олимон баррасӣ намуда, ректори донишгоҳ онро тасдиқ мекунад. Озмоишгоҳҳои мавзӯӣ ҳар сол ҳисоботи ҷамбастиро оид ба дастовардҳои тадқиқотҳои анҷомёфта тартиб дода, ба вазорат ё идорае, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар тобеияти он мебошад ва ба Вазорати маориф пешниҳод менамояд.

30. Маблағҳои озмоишгоҳҳои мавзӯӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ, ки барои нигоҳ доштани мактабҳои олӣ ҷудо шудааст (озмоишгоҳҳои мавзӯӣ низ дохил мешаванд), пардохт мешавад.

Вазорату идораҳо барои озмоишгоҳҳои мавзӯии дар тобеияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ буда, маблағҳои махсуси мақсаднокро барои иҷрои мавзӯъ ва супоришҳои махсус ҷудо мекунанд.